INNOVATIVE WORLD
Ilmiy tadqiqotlar markazi

# INNOVATSION TALABALAR AXBOROTNOMASI



htttps://innoworld.net

+998335668868

ILMIY JURNAL

JOURNALS MASTER LIST
ISSN
doi
zenodo
OpenAIRE
Academic Resource Index ResearchBib
Google Scholar
open access.nl

# INNOVATSION TALABALAR AXBOROTNOMASI

3-JILD, 2-SON
2026

Jurnal quyidagi xalqaro bazalarda indekslanadi:

Ilmiy jurnalning rasmiy sayti:
www.innoworld.net

O'ZBEKISTON-2026

**Антропонимҳо ҳамчун воҳидҳои маъноофар дар девони "Фонӣ"**

**Ҳоҷимуродова Робия Қурбонмуродовна**
Магистранти факултети филологияи донишгоҳи давлатии самарқанд

**Аннотатсия.** Мақола ба баррасии қабати лексикии номҳои хоси ашхос (антропонимҳо) дар девони форсии Алишер Навоӣ бахшида шудааст. Дар он таҳаввули маъноии номҳои таърихӣ ва устуравӣ, гузариши онҳо аз мафҳуми номинативӣ (номбаркунӣ) ба мафҳуми рамзӣ – ирфонӣ таҳлил мегардад. Дар мақола қайд карда мешавад, ки антропонимҳо дар ашъори Фонӣ на танҳо воситаи талмеҳ, балки унсури калидии ташаккули тасвирҳои бадеӣ мебошанд.

**Калидвожаҳо:** антропоним, ономастика, маъноофарӣ, семантика, рамз, ғазал, Алишер Навоӣ, Фонӣ.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими корбурди антропонимҳо дар девони "Фонӣ" пайвастагии онҳо бо ҷаҳонбинии ирфонии шоир мебошад. Дар ғазалиёти ирфонӣ номҳо на танҳо ишора ба шахсиятҳои муайян, балки воситаи баёни марҳилаҳои сулуки маънавӣ низ мебошанд. Фонӣ бо истифода аз антропонимҳо мафҳумҳои асосии ирфон, аз қабили фанои нафс, бақои рӯҳ, ишқи илоҳӣ ва маърифати ҳақиқиро ифода мекунад. Масалан, корбурди пайвастаи номи Хизр дар контексти ҷустуҷӯ, роҳгумӣ ва раҳёбӣ нишон медиҳад, ки ин антропоним рамзи муршид ё роҳнамо дар тариқат аст. Дар чунин мавридҳо Хизр на шахсияти таърихӣ, балки таҷассумгари маърифати ботинӣ мебошад. Ин гуна истифода имкон медиҳад, ки хонанда маънои байтро на дар сатҳи зоҳирӣ, балки дар сатҳи ирфонӣ дарк намояд. Дар ҳамин замина, Маҷнун низ ба яке аз рамзҳои калидии ҷаҳонбинии Фонӣ табдил меёбад. Маҷнун рамзи ошиқест, ки аз ақли зоҳирӣ гузашта, ба марҳилаи ишқи мутлақ мерасад. Дар ғазалиёти Фонӣ ин ном аксаран дар муқобили ақл, ҳушёрӣ ва мантиқ меояд, ки худ нишонаи бартарии ишқ дар тафаккури ирфонии шоир аст.

Барои равшан сохтани нақши маъноофарии антропонимҳо метавон ба чанд намунаи маъмули корбурди онҳо дар ғазалиёти Фонӣ ишора кард. Дар мавридҳое, ки Фонӣ номи Исоро истифода мебарад, аксаран мафҳуми "нафаси ҳаётбахш" ва "эҳё" – ро дар назар дорад. Исо дар чунин байтҳо рамзи сухани зиндакунанда ё нигоҳи маъшуқа мегардад. Ҳамин тавр, антропоним ба воситаи истиора ба воҳиди маъноофар табдил меёбад. Ё истифодаи номи Ҷамшед одатан бо мафҳуми шукӯҳ, қудрат ва салтанати дунявӣ алоқаманд аст. Аммо дар контексти ирфонии Фонӣ ин ном метавонад рамзи нопойдории дунё низ бошад. Бо ин роҳ, шоир тавассути як антропоним ҳамзамон ду маъно – бузургӣ ва фанопазириро ифода мекунад. Дар муқоиса бо ин, Фарҳод бештар рамзи ишқи фидокорона ва ранҷи ошиқ мебошад. Фонӣ ин номро барои таъкид бар азобу машаққати роҳи ишқ истифода мебарад, ки дар ирфон яке аз шартҳои расидан ба камол ба ҳисоб меравад.

Барои боз равшан намудани фикрҳои худ ин ҷо якчанд байтҳоро оварда таҳлил менамоем:

Фиғони булбулу қумрӣ чӣ санҷад неши ман дар ишқ,
Ки бо Фарҳоду Маҷнун кардаам ҳамдостониҳо.

Шоир мегӯяд: Нолаи булбулу қумрӣ дар баробари дарду сӯзи ман дар ишқ чӣ арзише дорад? Зеро ман дар ишқ ҳамқисса ва ҳамдарди Фарҳод ва Маҷнун гаштаам. Яъне дарди ишқи ман чунон бузург аст, ки бо ишқи афсонавии Фарҳод ва Маҷнун баробар мебошад. Ин байт ифодаи шиддати ишқи ошиқ аст. Шоир ишқи худро болотар аз нолаи маъмулии булбул медонад ва онро бо ишқи афсонавии қаҳрамонони маъруф баробар мекунад.

Лабат чу оби ҳаёт аст, з – он ки пешаш нест
Ба гоҳи нутқ раҳи дам задан Масеҳоро.

Дар поэтикаи ирфонӣ Исо рамзи "нафаси ҳаётбахш" аст. Аммо Фонӣ муболиғаи бадеиро ба ҳадде мерасонад, ки ҳатто Масеҳ дар баробари лаби маъшуқа аз дам задан оҷиз мегардад. Ин ҷо антропоним воситаи ташдиди истиора ва рамзи эҳё мебошад.

Шояд, эй Фонӣ, ба қабри Ҳофизаш созанд сабт,
Гар ба хоки Форс афтад нусхаи таҳрири мо.

Ишора ба Ҳофиз рамзи пайвастан ба силсилаи ғазалсароёни бузург аст. "Қабри Ҳофиз" ҳамчун рамзи меъёри эътирофи адабӣ истифода мешавад. Ин ҷо антропоним функсияи интертекстуалӣ ва худшиносии адабиро иҷро мекунад.

Ба Саъдияст қадам бар қадам зада Фонӣ,
Ки паи ду фаҳм нагардад хаёли доноро.

Саъдӣ рамзи фасоҳат ва равшании маъност. Ибораи "қадам бар қадам задан" пайравии услубӣ ва ахлоқиро ифода мекунад. Антропоним дар ин байт нишондиҳандаи идомаи анъана ва ташаккули ҳувияти адабии Фонӣ мебошад.

Мурдан ба васл боядам, эй Хизр, мункирам
Оби ҳаёту зиндагии ҷовидонаро.

Образи Хизр рамзи ҳаёти ҷовидон аст. Аммо шоир марги васлро аз зиндагии абадӣ болотар мегузорад. Ин муқоиса авлавияти ишқи маънавиро бар бақои зоҳирӣ нишон медиҳад.

Коҳи ҷисм ояд гарон дар каффаи ишқам зи ғам,
Кӯҳи Фарҳодаш агар як сӯ ниҳӣ, як сӯ маро.

Фарҳод рамзи машаққати ишқ аст. Шоир ранҷи худро аз кӯҳи Фарҳод ҳам сангинтар нишон медиҳад. Ин ҷо антропоним воситаи муболиға ва рамзи фанои ошиқ мебошад.

Басомади истифодаи баъзе антропонимҳо дар девони "Фонӣ" низ аҳамияти маъноӣ дорад. Номҳое чун Хизр, Маҷнун, Исо ва Фарҳод нисбат ба дигар антропонимҳо бештар такрор мешаванд. Ин такрор на хусусияти тасодуфӣ, балки хусусияти ғоявӣ дорад. Такрори чунин номҳо нишон

медиҳад, ки онҳо дар низоми маъноии девон ҷойгоҳи марказӣ доранд ва ба истилоҳ, "калидвожа" – ҳои маънавии ашъори Фонӣ ба шумор мераванд. Ҳар боре ки ин антропонимҳо истифода мешаванд, хонанда бо маҷмӯи маъноҳои қаблан шаклгирифта рӯ ба рӯ мегардад, ки ин худ равандии маънофариро тақвият медиҳад.

Яке аз вижагиҳои муҳими сабки Фонӣ истифодаи иқтисодии воситаҳои забонист. Антропонимҳо дар ин раванд нақши муҳим мебозанд. Шоир ба ҷои шарҳи тӯлонӣ тавассути овардани як ном маҷмӯи бузурги маъноҳоро фаъол месозад. Масалан, овардани танҳо номи Искандар метавонад тамоми тасаввуротро дар бораи қудрат, истило, шӯҳрат ва ҳамзамон нокомии инсонӣ бедор кунад. Дар муқобили он, номи Хизр мафҳумҳои маърифат, бақо ва роҳнамоии маънавиро фаъол месозад. Ин муқоиса ба ғазал шиддати фалсафӣ мебахшад.

Зи таърихи Ҷаму Искандар омад тирагӣ бар ман,
Магар ҷоми ҷаҳонбин созадам оинаро равшан.

Шоир мегӯяд: Аз мутолиаи таърихи Ҷамшеду Искандар, яъне аз андеша дар бораи шукӯҳу азамати подшоҳони гузашта ва нопойдории дунё дилам тира гардид. Шояд танҳо ҷоми ҷаҳонбин (яъне маърифат ва басират) тавонад оинаи дили маро равшан созад. Ин байт ба мавзӯи нопойдории ҷаҳон ва зарурати худшиносӣ ишора мекунад.
Шоир мегӯяд, ки шукӯҳи подшоҳон ҳам гузаштааст, пас инсон бояд на ба таърихи зоҳирӣ, балки ба маърифати ботинӣ рӯ оварад. Илова бар ин, таҳлил нишон медиҳад, ки ҳар як антропоним дар девони Фонӣ дорои функсияи бисёрқабата мебошад:

1. Вазифаи денотативӣ: ишора ба шахсиятҳои таърихӣ ё адабӣ.
2. Вазифаи коннотативӣ: баёнгари хислатҳои маънавӣ, ирфонӣ ё фалсафӣ.
3. Вазифаи услубӣ: фаъолсозии рамзҳо ва таъсири эстетикӣ дар сатҳи бадеӣ.

Таҳлили баъзе антропонимҳо дар девони "Фонӣ" – и Алишер Навоӣ нишон медиҳад, ки онҳо яке аз унсурҳои калидии низоми маънофари ашъори шоир мебошанд. Антропонимҳо аз доираи вазифаи номинативӣ берун рафта, ба рамзҳои пурбори ирфонӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ табдил меёбанд. Фонӣ тавассути корбурди ҳадафмандонаи номҳои таърихӣ, динӣ ва асотирӣ на танҳо анъанаи адабиро идома медиҳад, балки онро бо мазмуни нави маънавӣ ғанӣ мегардонад. Антропонимҳо дар девони ӯ воситаи пайванди таърих, фарҳанг ва тафаккури ирфонӣ гардида, ба хонанда имкони тафсири амиқ ва бисёрқабатаро фароҳам меоранд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Алишер Навоӣ. Девони Фонӣ (нашри илмӣ – интиқодӣ). Душанбе / Тошканд.
2. Аюбова М.Б. Антропонимияи тоҷикони навоҳии Шаҳритузу Қубодиён (Номҳои ашхос) /М.Б.Аюбова. - Душанбе: Эр-граф, 2013. – 192 с
3. А.В.Суперанская, Н.В.Подольская., Н.В.Васильева. Общая терминология. Терминологическая деятельность. - Москва: 2005.-145 с.

4. Йўлдошев Б. Ўзбек ономастикаси масалалари. – Самарқанд. С'амДУ нашри, 2011. -112 б.
5. Мачитова С. Антропонимҳо–ифодагари хислатҳои инсон дар ғазалиёти Абдураҳмони Ҷомӣ //Farg'ona davlat universiteti. – 2024. – №. 6. – С. 84-84.
6. Молчанова О.Т. Русская антропонимия. Москва, 1985.
7. Никонов В.А. Имя и общество. Москва: Наука, 1974.-276 с.
8. Подольская Н.В. Словарь ономастических терминов. Москва: Наука, 1988.-200 с.
9. Суперанская А.В. Общие вопросы ономастики. Москва: Наука, 1973. Majitova, S. [2024].
10. https://talqinvatadqiqotlar.uz/index.php/tvt/article/view/2632